**ПРОТОКОЛИ №50.3 - и**
**ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-013 назди**
**Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон**

аз 08 майи соли 2026 ш. Хуҷанд

**Иштирок доштанд:** аз 11 нафар аъзои шурои диссертатсионӣ 11 нафар (аз ҷумла 1 нафар ба тариқи маҷозӣ), аз рӯйи ихтисос 5 нафар докторони илм ва 1 нафар номзади илм

08 майи соли 2026, соати 09:00 дар толори шурои диссертатсионии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон (735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Хуҷанд, маҳаллаи 17, бинои 1) ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-013 баргузор гардид. Вақти анҷоми ҷаласа 12:30.

**Раиси ҷаласа:** доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Бобоҷониён Даврон Дадоҷон.

**Котиби ҷаласа:** номзади илмҳои иқтисодӣ Саиджонов Содикжон Шарифжонович.

**Раиси шуро:** Муҳтарам аъзои шурои диссертатсионӣ, ҳозирини гиромӣ! Ҳайати шуро бо шумораи 11 нафар тибқи фармоиши раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 04 августи соли 2025 таҳти рақами 289/шд тасдиқ гардидааст.

Дар асоси варақаи ҳузури аъзои шуро дар ҷаласа 11 нафар аъзо иштирок доранд (1 нафар тариқи маҷозӣ), ки аз онҳо 5 нафарашон докторони илм ва 1 нафар номзади илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда мебошанд.

Ҳамин тариқ, шуро ваколат дорад, ки масъалаҳои дар рӯзномаи ҷаласа гузошташударо баррасӣ намояд. Оид ба оғози кори шуро чӣ пешниҳод доред? Пешниҳод гардид, ки кори шуро оғоз карда шавад. Касе тарафдори он бошад, ки ҷаласаи шуро оғоз карда шавад, хоҳиш менамоям, овоз диҳед. Муқобил? Бетараф? Нест. Якдилона қабул гардид.

## РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:

Ҳимояи ошкорои диссертатсияи Мухитдинова Шоирахон Саидюсуфовна дар мавзуи «Механизми ташкилӣ-иқтисодии тавсеаи шуғли пурмаҳсул дар вилояти Суғд: назария, методология ва амалия» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.4.

Иқтисодиёти ҳудудӣ

Диссертатсия дар кафедраи иқтисодиёт ва соҳибкории МДТ «Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд» ба анҷом расидааст.

**Мушовири илмии** довталаби дараҷаи илмӣ доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, муовини ректор оид ба робитаҳои байналмилалии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон Ризозода Тӯра Раббим.

**Муқарризони расмӣ:**

1. Ҷонмамадов Шермамад Бекмамадович, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, мудири шуъбаи таҳқиқоти муқоисавии иқтисодии Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон;
2. Амонова Дилбар Субҳоновна, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи менеҷмент ва маркетинги Донишгоҳи Славянии Россия ва Тоҷикистон;
3. Исмоилов Мамараҳим Мирзораҳимович, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи назарияи иқтисодии МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров».

**Муассисаи пешбар:** Муассисаи давлатии «Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон».

**БАРОМАД НАМУДАНД:**

Муовини раиси шурои диссертатсионии 6D.КОА-013, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Бобоҷониён Д.Д. дар асоси варақаи ҳузур аъзои шуроро дар бораи босалоҳият будани маҷлис огоҳ карда, рӯзномаи онро эълон намуд. Сипас, раис довталаби дарёфти дараҷаи илмиро ба ҳозирин муаррифӣ намуда, ному насаб, мавзуи диссертатсия, ихтисос ва соҳаи илмро, ки аз рӯйи он диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод карда шудааст, ҳамчунин муассисаи пешбар, ному насаб, дараҷаи илмӣ, вазифа ва ҷойи кори муқарризони расмиро эълон кард.

Саиджонов С.Ш., котиби илмии шуро ҳозиринро бо мундариҷаи асосии ҳуҷҷатҳои пешниҳоднамудаи довталаби дараҷаи илмӣ Мухитдинова Шоирахон Саидюсуфовна шинос карда, оид ба мутобиқати онҳо ба талаботи муқарраршуда иттилоъ дод.

Сипас, ба Мухитдинова Шоирахон Саидюсуфовна барои маъруза дар мавзуи «Механизми ташкилӣ-иқтисодии тавсеаи шуғли пурмаҳсул дар вилояти Суғд: назария, методология ва амалия» то 40 дақиқа вақт дода шуд. Пас аз ба итмом расидани маъруза аъзои шуро – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Раҳимов А.М., доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Газибеков С.А., доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент Абдуқодирӣ Х.А. ба довталаб саволҳо доданд.

Довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ Мухитдинова Ш.С. ба саволҳои аъзои шуро ҷавобҳои мушаххас дод.

Баъдан, мушовири илмии довталаб – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, муовини ректор оид ба робитаҳои байналмилалии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон Ризозода Тӯра Раббим сухан намуда, ба диссертатсия баҳои баланди илмӣ дода, фаъолияти илмӣ ва илмию омӯзгории Мухитдинова Шоирахон Саидюсуфовнаро тавсиф намуда, сабаби ба довталаб додани дараҷаи илмиро асоснок иброз дошт.

Ҳамчунин, котиби илмии шуро ҳозиринро бо хулоса оид ба натиҷаҳои муқаддамотии ташхиси диссертатсия – хулосаи кафедраи иқтисодиёт ва соҳибкории МДТ «Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд», тақризи муассисаи пешбар – Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон шинос намуд. Ҳамзамон, ӯ ҳозиринро бо тақризҳо ба автореферати диссертатсия, ки ба шуро аз ҷониби олимони зерин пешниҳод шуданд, шинос намуд:

1. Самандарзода А.Ҳ. – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи таҳлили иқтисодӣ ва омории Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур бо эроди зерин: агар диссертант зимни баррасии масъалаи тайёрии касбии кадрҳо ва такмили ихтисоси мутахассисон аз таҷрибаи давлатҳои ҳамсоя истифода намуданро нишон медод, он гоҳ мазмуни кор боз ҳам бой мегашт.

2. Низомов С. Ф. – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи таҳлили иқтисодӣ ва аудити Донишгоҳи милии Тоҷикистон бо эродҳои зерин: 1) Ҳангоми таҳқиқи таҷрибаи хориҷии танзими шуғли пурмаҳсул беҳтар мешуд оид ба истифодабарии таҷрибаи ягон давлати мушаххас вобаста ба шароити бозори минтақавии меҳнат пешниҳод гардад; 2) Ҳангоми баррасии рейтинги шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд хуб мешуд сабабҳои фарқияти ин нишондиҳанда васеътар шарҳ дода мешуданд, ки сифати илмии хулосаҳои муаллифро боз ҳам мустаҳкам менамуд.

3. Мирсаидов С.А. – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи иқтисодиёти моливӣ ва фаъолияти биржавии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон бо эродҳои зерин: 1) Дар кори диссертатсионӣ баъзе ҷанбаҳои назариявию методологии таъмини шуғл ба таври зарурӣ кушода дода нашудааст; 2) Хуб мешуд, диссертант шароитҳои ҳудудии ҳар як минтақаро таҳлил ва муқоиса намуда, самтҳои таъмини шуғли пурмаҳсулро дар вилояти Суғд дар давраҳои оянда таҳия намояд.

4. Назаров А.А. – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи муҳандисӣ ва менеҷменти Донишкадаи политехникии Донишгоҳи техникии

Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ дар шаҳри Хуҷанд бо эродҳои зерин: 1) Механизмҳои амалӣ намудани чораҳои пешниҳодшуда дар сатҳи корхонаҳо ва ташкилотҳо пурра ифшо нашудаанд; 2) Истифодаи маҳдуди маълумотҳои омории солҳои охир, ки дараҷаи асоснокии эмпирикии хулосаҳоро кам мекунад. Ба масъалаи баробарии гендерӣ ва шуғли гурӯҳҳои осебпазир таваҷҷуҳи кам дода шудааст, гарчанде ки барои минтақа муҳим аст; 4) Таъсири рақамисозӣ ва технологияҳои нав ба бозори меҳнати вилояти Суғд ниёз ба таҳлили муфассал дорад.

Бо ризоияти аъзои шуро котиби илмӣ Саиджонов С.Ш. шарҳи тақризҳоро оид ба диссертатсия ва автореферат, бо қироати ҳатмии эродҳое, ки дар онҳо оварда шудааст, ироа намуд.

Пас аз шинос намудани ҳозирин бо тақризҳо ба довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ Мухитдинова Шоирахон Саидюсуфовна барои ҷавоб додан ба эродҳои дар тақризҳо ҷойдошта сухан дода шуд.

Муқарризони расмӣ – Ҷонмамадов Шермамад Бекмамадович, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, мудири шуъбаи таҳқиқоти муқоисавии иқтисодии Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон; Амонова Дилбар Субҳоновна, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи менеҷмент ва маркетинги Донишгоҳи Славянии Россия ва Тоҷикистон; Исмоилов Мамараҳим Мирзораҳимович, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи назарияи иқтисодии МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» сухан карданд. Муқарризон эродҳои ҷойдошта ва баҳои ниҳоиро ба диссертатсия, ки дар тақриз оварда шудаанд, пурра баён карданд.

Баъд аз шунидани тақризи ҳар як муқарриз, ба довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ Мухитдинова Шоирахон Саидюсуфовна барои ҷавоб додан ба эродҳо сухан дода шуд.

Тибқи банди 87-уми Низомномаи шурои диссертатсионӣ сухан ба аъзои шуро, мутахассисон доир ба ихтисоси диссертатсия –доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Раҳимов А.М., доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Абдуқодирӣ Х.А., доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Бобоҷониён Д.Д. ва доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Бойматов А.А. дода шуд. Баромадкунандагон зимни мубоҳиса ба диссертатсия баҳои асоснок доданд.

Дар ҷараёни мубоҳиса ба довталаб Мухитдинова Шоирахон Саидюсуфовна имкон дода шуд, ки ба эродҳои гирифтаи баромадкунандагон ҷавоб диҳад.

Баъди ба итмом расидани мубоҳиса шуро бо тартиби муқарраршуда аз рӯйи масъалаи додани дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ ба Мухитдинова Ш.С. овоздиҳии пинҳонӣ баргузор намуд. Комиссияи ҳисоб

дар ҳайъати зерин интихоб карда шуд: доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Бойматов А.А., доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Газибеков С.А. ва доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Дадоматов Д.Н.

Комиссия Газибеков С.А. - ро раис интихоб кард, мавсуф ҳозиринро бо натиҷаи овоздиҳии пинҳонӣ шинос намуд:

тарафдор – 10 нафар;

муқобил – нест;

бюллетенҳои беэътибор – нест.

Аъзои шуро тариқи овоздиҳии ошкоро протоколи комиссияи ҳисобро тасдиқ намуданд.

Пас аз шунидани баромади раиси комиссияи ҳисоб тариқи овоздиҳии ошкоро хулоса ва қарори шурои диссертатсионӣ дар бораи ба Мухитдинова Ш.С. додани дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.4. Иқтисодиёти ҳудудӣ қабул гардид.

Шурои диссертатсионии 6D.КОА-013 баъди шунидан ва муҳокимаи диссертатсияи Мухитдинова Шоирахон Саидюсуфовна дар мавзуи «Механизми ташкилӣ-иқтисодии тавсеаи шуғли пурмаҳсул дар вилояти Суғд: назария, методология ва амалия» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.4. Иқтисодиёти ҳудудӣ; тақризи мушовири илмӣ, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Ризозода Тӯра Раббим; тақризи муассисаи пешбар МД «Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон»; тақриз ва баромади муқарризони расмӣ: доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Ҷонмамадов Шермамад Бекмамадович, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Амонова Дилбар Субҳоновна ва доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Исмоилов Мамараҳим Мирзораҳимович; ҳамчунин мутахассисон аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Абдуқодирӣ А.А., доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Раҳимов А.М., доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Бобоҷониён Д.Д. ва доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Бойматов А.А.-ро шунида, баррасӣ карда, дар асоси натиҷаҳои овоздиҳии пинҳонӣ, хулосаи қабулкардаи худ ба диссертатсия, дар бораи асолат, арзиш, навоварӣ ва натиҷаҳои бадастовардаи Мухитдинова Шоирахон Саидюсуфовна

## ҚАРОР ҚАБУЛ КАРД:

1. Диссертатсияи Мухитдинова Шоирахон Саидюсуфовна дар мавзуи «Механизми ташкилӣ-иқтисодии тавсеаи шуғли пурмаҳсул дар вилояти Суғд: назария, методология ва амалия» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.4. Иқтисодиёти ҳудудӣ ба

талаботи бандҳои 32 ва 33-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.06.2023 №295) тасдиқ шудааст, комилан мувофиқат мекунад.

2. Автореферат ва маводи илмии чопшудаи довталаби дараҷаи илмӣ мазмуну мундариҷаи диссертатсияро пурра инъикос менамоянд.

3. Ба Мухитдинова Шоирахон Саидюсуфовна дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ дода шавад.

4. Барои додани дипломи доктори илмҳои иқтисодӣ ба Мухитдинова Шоирахон Саидюсуфовна аз Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дархост карда шавад.

Хоҳиш мекунам, ки мавқеи худро нисбат ба ин қарори шурои диссертатсионӣ муайян намуда, овоз диҳед.

Тарафдор 11 нафар. Муқобил? Нест. Бетараф? Нест.

Қарор якдилона қабул карда шуд.

**Раиси шурои диссертатсионӣ, д.и.и., профессор** **Бобоҷониён Даврон Дадоҷон**

**Котиби илмии шурои диссертатсионӣ, н.и.и** **Саиджонов Содикжон Шарифжонович**

08 майи соли 2026